Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

19 ноябри соли 2022
Шанбе
№ 93 (14897)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

*Ҷараёнҳои мураккаб ва ҷиддии геосиёсие, ки алҳол дар ҷаҳон рух медиҳанд, зиддиятҳои мухталиф, номуъътадилии ҷаҳонии сиёсӣ ва иқтисодӣ, хуруҷҳои замонавии пайдарҳам рӯзмаррагии ҳамкории муфиди тарафайни минбаъдаи байни минтақаҳо ва кишварҳоро собит месозанд.*

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# МУЛОҚОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО НАМОЯНДАИ ОЛИИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ОИД БА КОРҲОИ ХОРИҶӢ ВА СИЁСАТИ БЕХАТАРӢ

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 18 ноябр Намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо оид ба корҳои хориҷӣ ва сиёсати бехатарӣ, ноиб-президенти Комиссияи Аврупо Ҷозеп Боррелро пазируфт.**





Масъалаҳои минбаъд амиқсозии шарикии Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо ба мақсади ҳарчи зудтар барқарор гардидани иқтисодиёт пас аз пандемия ва рушди робитаҳои тарафайни байниминтақавӣ баррасӣ шуданд.

Ба натиҷаҳои Мулоқоти вазирон дар шакли «Иттиҳоди Аврупо – Осиёи Марказӣ» ва Конфронси байналхалқии «Иртиботи тарафайни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Миёна: дарвозаи умумӣ барои рушди устувор», ки 17-18 ноябр дар шаҳри Самарқанд баргузор гардид, баҳои баланд дода шуд. Сарвари давлати мо ба роҳбари дипломатияи Аврупо барои дастгирӣ ва иштироки шахсиаш дар ин чорабиниҳои муҳим миннатдорӣ баён кард.

Ҷозеп Боррел дар навбати худ сиёсати Ӯзбекистонро бобати таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ҷонибдорӣ намуда, қайд кард, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ин бобат ба пешрафти бузург муваффақ шудаанд. Иттиҳоди Аврупо ният дорад, ки минбаъд низ ҳамкориро бо давлатҳои минтақа дар соҳаҳои сиёсат, савдо, сармояҳо, рақамикунонӣ, тағйироти иқлим ва муҳити атроф, илм ва таълим вусъат диҳад.

Дар ҷараёни муҳокимаи масъалаҳои рӯзмарраи байналхалқӣ ба ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо назардошти рушди вазъият дар Афғонистон эътибори махсус дода шуд.

Бинобар коркарди муштараки «харитаи роҳ» оид ба натиҷаҳои конфронс дар Самарқанд ва ҳарчи зудтар ба мувофиқа расидани муоҳида дар бораи шарикӣ ва ҳамкории васеи байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо шартнома имзо шуд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# БА ИШТИРОКДОРОНИ АВВАЛИН КОНФРОНСИ БАЙНАЛХАЛҚИИ «ИРТИБОТИ ТАРАФАЙНИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ: ДАРВОЗАИ УМУМӢ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР»

**Муҳтарам сарони ҳайатҳо!**
**Иштирокдорони конфронс!**
**Хонумон ва ҷанобҳо!**

Ҳамаи иштирокдорони аввалин Конфронси «Иртиботи тарафайни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ: дарвозаи умумӣ барои рушди устувор»-ро самимона хайрамақдам мегӯям.

Ман аз он зиёда қаноатмандам, ки ба Намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо оид ба корҳои хориҷӣ ва амнияти сиёсӣ ҷаноби Ҷозеп Боррел, вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ, роҳбарони созмонҳои машҳури байналхалқӣ, аз ҷумла Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Бонки таҷдид ва рушди Аврупо, Бонки сармоягузории Аврупо, ки дар ин анҷуман иштирок доранд, миннатдории махсус изҳор менамоям.

Конфронси байналхалқии кунунӣ чун ҳамоиши нахустини сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо, ки ба наздикӣ ба вуқӯъ пайваст, саъю кӯшиши ҷиддии ҷонибҳоро ба ҳамкории стратегӣ равшан намоиш медиҳад. Мо мунтазам баргузор кардани чунин вохӯрӣ ва мубоҳисаҳоро, ки ба муносибатҳои мо нирӯ ва фаъолнокии бештар медиҳанд, зарур мешуморем.

**Муҳтарам иштирокдорони чорабинӣ!**

Ҷараёнҳои мураккаб ва ҷиддии геосиёсие, ки алҳол дар ҷаҳон рух медиҳанд, зиддиятҳои мухталиф, номуъътадилии ҷаҳонии сиёсӣ ва иқтисодӣ, хуруҷҳои замонавии пайдарҳам рӯзмаррагии ҳамкории муфиди тарафайни минбаъдаи байни минтақаҳо ва кишварҳоро собит месозанд.

Иттиҳоди Аврупо Стратегияи нави оид ба Осиёи Марказиро қабул кард, вале, мутаассифона, бинобар пандемия, ки санҷиши мураккаб гардид, мо алҳол наметавонем бигӯем, ки нақшаҳои бузурги пештар андешидашуда, вазифаҳои муҳими рӯзномаи умумии мо бо ҳамкорони аврупоӣ пурра иҷро шуданд.

Вобаста ба ин конфронси мо, ки дар шаҳри Самарқанд баргузор мегардад, аҳамияти фавқулода муҳим дорад, зеро бояд мулоқоти байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказиро фаъолтар бикунад, ҳамкориҳои моро бо барнома ва лоиҳаҳои амалӣ ғанӣ созад, низоми муносибатҳои кушод ва самарабахши байниминтақавиро ташаккул диҳад, шарикии бисёрҷанбаро беш аз пеш амиқтар намояд.

Мо фикр мекунем, ки ба мақсади таҳкими муносибатҳои ду минтақаи муҳими мунтазам ривоҷёфтаистода, куллан татбиқ намудани ташаббусҳои «Дарвозаи умумӣ» бояд ба чунин самтҳои бартаринок, аз ҷумла трансформатсияи рақамӣ, иртиботи тарафайни нақлиётӣ ва лоиҳаҳои рушди «сабз» эътибори махсус дода шавад.

Пеш аз ҳама самарабахш ба роҳ мондани иқтидори бузурги Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ барои ҳамкориҳои муфиди тарафайн ва рушди инклюзив дар соҳаи трансформатсияи рақамӣ аҳамияти бузург дорад.

Мо нақшаҳо ва барномаҳои Иттиҳоди Аврупоро, ки ба сохтмони гузаргоҳҳои васеи оптикию нахӣ нигаронида шуда, минтақаи моро бо Иттиҳоди Аврупо мепайванданд, васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро дар идоракунӣ ва соҳаи иҷтимоӣ, саноат, нигаҳдории тандурустӣ, таълим, сектори молия ва хоҷагии қишлоқ дастгирӣ мекунем.

Ғайр аз ин, диверсификатсияи хатсайрҳои нақлиётӣ барои тамоми кишварҳои минтақаи мо баробар рӯзмарра ба шумор меравад, татбиқ сохтани онҳо барои баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ, иштироки фаъол дар равандҳои қаробати ҷаҳонӣ ва ҳамкорӣ имкониятҳоро фароҳам меоваранд.

Муътақидам, ки як қатор ташаббусҳои Иттиҳоди Аврупо дар самти мазкур ба таъсис додани инфрасохтори мусоид ва самарабахши транзитӣ, ҳамчунин логистикӣ хидмат хоҳад кард.

Рушди хатсайри мултимодалии Наздикаспий бобати минбаъд амиқсозии ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Аврупо бо Осиё, баромадани кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бозорҳои хориҷӣ аз тариқи гузаргоҳи мусоидтари нақлиётӣ саҳми бузург мегузорад.

Баробари ин Иттиҳоди Аврупо дар рушди «сабз» ҳамкори асосии мо ба шумор меравад.

Бобати васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои самарабахши энергетикӣ ва каммасраф, рушди кишоварзии «ақлӣ», пурра истифода бурдани иқтидори манбаъҳои нави энергия дар минтақаи мо, бешубҳа, ба таҷрибаи пешқадам ва замонавитарини кишварҳои Аврупо, ки намояндагони онҳо дар ин ҷамъомад ҳузур доранд, такя мекунем.

Бидуни шубҳа, нармтар кардани оқибатҳои тағйироти иқлим, гузаштан ба афзоиши инклюзиви «сабз», истифодаи сарфакорона, таъмин намудани амнияти экологӣ минбаъд низ афзалиятҳои ҳамкориҳои бисёрҷанбаи мо боқӣ мемонанд.

Бовар дорем, ки конфронси байналхалқӣ оид ба муҳити атроф ва захираҳои об дар шакли «Иттиҳоди Аврупо – Осиёи Марказӣ», ки соли оянда дар Рим баргузор хоҳад шуд, имкон медиҳад дар самти мазкур ба натиҷаҳои мушаххаси амалӣ муваффақ шавем.

**Муҳтарам иштирокдорони ҷамъомад!**

Саъю кӯшишҳои муштараку қатъии мо бинобар таҳкими робитаҳои байни Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо ҳатман натиҷаҳои мусбат хоҳанд дод.

Умедворам ҷамъомади мазкур дар шакли «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» мунтазам мегузарад, дар иҷлосияҳои он оид ба мавзӯъҳои рӯзмарраи ҳамкориҳои мо мубоҳисаҳои самарабахш баргузор мешаванд, тамоюлҳои муштарак ва ҳуҷҷатҳои бисёрҷанбаи барномавие, ки ба муносибатҳои байниминтақавӣ дахл доранд, коркард мешаванд.

Муътақидам, ки тамоми масъалаҳои муҳим, муоҳидаҳои бадастомада ва лоиҳаҳои мушаххас дар Баённомаи Самарқанд, ки имрӯз қабул хоҳад шуд ва «харитаи амалиёт»-и васеъмиқёс, ки тасдиқ мегардад, ҳамаҷониба инъикос меёбанд.

Аз фурсат истифода бурда, ба тамоми иштирокдорони конфронс сиҳату саломатии мустаҳкам, бахту саодат ва дар фаъолияти шумо комёбиҳо орзу менамоям.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# ПЕШНИҲОДҲО БОБАТИ ВУСЪАТ ДОДАНИ МИНТАҚАҲОИ САБЗ БАРРАСӢ ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо муаррифии таклифҳо оид ба самарабахш ба роҳ мондани татбиқи лоиҳаи умумимиллии «Яшил макон» («Макони сабз»), мувофиқгардонии кори идораи хоҷагии ҷангал шинос шуд.***

Соли гузашта ба мақсади зиёд кардани майдони ниҳолҳои сабз бо ташаббуси роҳбари давлат ба лоиҳаи умумимиллии «Яшил макон» ибтидо гузошта шуда буд. Қарор дода шуд, ки дар доираи лоиҳа ҳар сол 200 миллион адад ниҳол ва буттаҳо нишонда шаванд. Мақсад гузошта шуд, ки майдони минтақаҳои сабз аз 8 фоизи ҳолоина то ба 30 фоиз расонида шавад.

Дар тӯли муҳлати кӯтоҳ дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо 535 гектар ҷангалзор ва 638 гектар боғҳои ҷамъиятӣ барпо гардиданд. Дар назди Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал корхонаи маҳдуди давлатии «Яшил ҳудуд» таъсис ёфт ва бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин карда шуд.

Таҳлили вазъи экологии кишвари мо ва корҳои иҷрошуда зарурияти минбаъд вусъат додани ин ҳаракатро собит менамоянд. Аз ҷумла, муфлисшавии ҳавои муҳит бинобар воситаҳои гуногуни кимёӣ ва филизоти вазнин меафзояд. Дар кори Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шуъбаи ниҳолшинониву нигоҳубини дарахтони ҳокимиятҳо вазифаҳо дақиқ муайян нашудаанд.

Вобаста ба ин пешниҳод гардид, ки Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал бинобар фаъолияти мазкур ягона ташкилоти масъул муайян карда шавад. Бунёди боғҳо ва хиёбонҳои ҷамъиятӣ, нигоҳубини дарахтҳо ва маводи онҳо тӯли 3 сол ба зиммаи корхонаи «Яшил ҳудуд» гузошта шуд.

Ҳамчунин чорабиниҳо бинобар мушаххас ва лоиҳасозии қитъаҳои замин барои ниҳолшинонӣ, зиёд кардани миқдори ниҳолҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои обсарфакунанда, хариди техникаҳои махсус барои хоҷагии ҷангал баррасӣ шуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев муҳимияти ин корҳоро барои экологияи мамлакат ва саломатии аҳолии мо таъкид намуда, супориш дод, ки чорабиниҳои пешниҳодшуда таҷдиди назар ва миқёси онҳо мушаххас карда шаванд.

**ЎзА.**

# ДАВРАИ НАВ ДАР ҲАМКОРИИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***17-18-уми ноябр дар шаҳри Самарқанд чорабиниҳо таҳти формати «Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ» баргузор гардид.***

17 ноябр суҳбати «мизи мудаввар» бахшида ба лоиҳаи нави Иттиҳоди Аврупо оид ба рушди энергияи устувор дар Осиёи Марказӣ ва ҳамоиши «Садои ҷавонони Осиёи Марказӣ» баргузор шуд.

18 ноябр конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи «Иртиботи мутақобилаи Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ: дарвозаи умумӣ барои рушди устувор» баргузор гардид.

Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёевро ба иштирокчиёни конфронс намояндаи махсуси сарвари давлатамон оид ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ Абдулазиз Комилов хонда дод.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

**18 ноябр – Рӯзи қабули Парчами давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ПАРЧАМИ ВАТАНИ МО АЗ ПОРАҲОИ ДИЛИ МО БА ҲАМ ОМАДААСТ

***Инсон бидуни эътиқод зиста наметавонад. Эътиқод, дин ва виҷдони ӯ дар муҳаббат нисбат ба замине, ки вай таваллуд шудааст, ҳамчунин рамзҳои муқаддаси он зоҳир мегардад. Парчами давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯнамои мамлакати мо дар хориҷа ба шумор меравад.***

**(Давомаш дар саҳ. 2).** ⇨

# ПАРЧАМИ ВАТАНИ МО АЗ ПОРАҲОИ ДИЛИ МО БА ҲАМ ОМАДААСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).



Мо ба парчами худ эҳтиёткорона муносибат мекунем, онро ҳамчун гавҳараки чашми худ ҳифз менамоем. Ҳамдиёрони мо ҳангоми дар кишварҳои гуногуни хориҷӣ будан вақте Парчами давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистонро дар байни парчами бисёр кишварҳо мебинанд, ба ҳаяҷон меоянд ва эҳсоси махсусеро аз дил мегузаронанд. Бисёрии мо чунин эҳсосро дарк кардаем.

Алҳол мамлакати мо ба олам ба сифати Ўзбекистони нав муаррифӣ мегардад. Ҷомеаи ҷаҳон кишвари муқаддаси моро ҳамчун сарзамини дорои таърих ва фарҳанги ғаниву куҳан эътироф мекунад, ки ба олам олимони бузургро додааст, ки дар рушди илму маърифат саҳми беқиёс гузоштаанд, ҳамчунин ба сифати кишваре мешиносад, ки ҳоли ҳозир равандҳои васеъмиқёси бозсозӣ, ислоҳоти бебозгаштро татбиқ менамояд.

Сулҳу салоҳ ва фаровонӣ, дўстӣ ва ҳамдилии халқ, ки дар мамлакати мо ҳукмрон аст, бунёдкориҳои вай боиси ифтихори махсус мебошанд. Парчами кишвари мо саъю кўшиши халқро, ки бо қадамҳои дилпурона ба оянда меравад, собит месозад.

Он чиз сазовори эътибор аст, ки кўдакон бо рамзҳои муқаддаси Ватани мо аз синни хурдӣ, ҳанўз дар муассисаҳои таълими томактабӣ шинос мешаванд. Мо бисёр мушоҳида кардаем, ки фарзандонамон дар даст байрақчаҳои Ўзбекистон бо хурсандии зиёд, ифтихор ва қаноатмандӣ медаванду сурудҳои ватандўстона месароянд.

Парчам ба писарону духтарон кумак мерасонад, ки Ватанро амиқтар шиносанд, дарк намоянд, ки тақдир ваояндаи онҳо ба он зич вобаста аст, вай ба онҳо муҳаббат ба Ватанро меомўзонад.

Бидуни шубҳа, парчами мамлакат ба тимсоли мардиву ватандўстӣ, ҷасорату шуҷоат, озодӣ, некӣ ва бахту саодати Ўзбекистони бемисл табдил ёфтааст!

Дар кишвари мо ҳанўз хеле пеш аз таҷлили ин сана бахшида ба 18 ноябр – Рўзи қабули Парчами давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон чорабиниҳо баргузор гардиданд. Инҳо ҷашнвораҳои гуногун, мусобиқаҳои варзишӣ, пойгаҳо, иқдомҳои саломатӣ ва иҷтимоӣ, конфронсҳои маърифатӣ буданд.

Чунин чорабиниҳо дар сатҳи баланди ташкилӣ ва рўҳи болида дар маҳаллаҳо, ҷамоаҳои меҳнатӣ, муассисаҳои таълимиву динӣ, қисмҳои ҳарбӣ мегузаранд. Иштироки фаъоли ҳамдиёрони мо дар онҳо шаҳодати эҳтироми бузург ва садоқати бепоёни мардум ба рамзҳои муқаддаси Ватан мебошад, онҳо ба тақдири мамлакате, ки дар он зисту зиндагӣ доранд, бефарқ нестанд.

**Назокат УСМОНОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**

---

***Ин корвон, ки бо ибтикори Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон сурат гирифт, аз нависандагон, шоирон, ҳунарпешагон, актёрон иборат буд, онҳо тақрибан ба тамоми гўшаҳои вилоят рафта, бо мардум мулоқоту суҳбатҳои гарму ҷўшон оростанд.***

# «КОРВОНИ ФАРҲАНГ» БА ҶИЗЗАХ ОМАД

***ва дар доираи Ҷашнвораи маънавият як силсила чорабиниҳо баргузор гардиданд***

Чунончи, дар театри мусиқӣ-драмавии вилоят тақдимоти китоби «Қаҳрамонони Ўзбекистон» доир гардид. Дар ин китоб, ки 103 нафар шахсони бузург шомил гардидаанд, се нафар аз вилояти Ҷиззах мебошанд. Ба қаҳрамонони ҷиззахӣ туҳфаҳои гаронбаҳо тақдим карда шуд.

Дар театри лўхтаки вилоят бачаҳоеро, ки ба касалии диабети қанд гирифторанд, ҷамъ оварданд. Ба онҳо китоб ва туҳфаҳои хотиравӣ супурданд. Аз ҷониби ҳунарпешагони ҷумҳурӣ ва вилоят консерти идона тақдим карда шуд.

Дар мактабҳои мусиқӣ ва санъати ноҳияҳои Пахтакор, Зомин ва Ғаллаарал низ чунин тадбирҳо баргузор шуданд, ки ба иштирокдорон кайфияти хуб бахшид.

Шоиру нависандагон, ҳунарпешагон, актёрони кино, тарғиботчиёни маърифат дар ин вохўриву суҳбатҳои самимӣ, ки якҷо бо Ҷашнвораи маънавият таҳти шиори «Дар Ўзбекистони Нав халқ азиз, инсон азиз!» баргузор гардиданд, аз асарҳои худ намунаҳо хонданд, таассуроташонро ба ҳозирон аз тамошои гўшаҳои гуногуни вилоят ва мардуми он нақл карданд.

«Корвони фарҳанг», ки корвони китобҳо низ буд, дар дилу ёди мардуми пиру барно нақше боқӣ гузошт.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

---

# ДАВРАИ НАВ ДАР ҲАМКОРИИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Шавкат Мирзиёев дар муроҷиати худ қайд кард, ки равандҳои мураккаби геосиёсии имрўзаи ҷаҳон ва ихтилофоти мухталифи пешгўинашаванда, ноустувории ҷаҳонии сиёсиву иқтисодӣ, таҳдидҳои гуногуни муосир густариши минбаъдаи ҳамкорӣ ва шарикии мутақобилан судманди минтақа ва давлатҳоро тақозо менамояд.

Қайд карда шуд, ки конфронси мазкур, ки дар Самарқанд баргузор шуд, хеле муҳим аст, зеро ҳадафи он фаъолсозии муколамаи байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ғанӣ гардонидани ҳамкорӣ бо барномаҳо ва лоиҳаҳои амалӣ, ташаккули низоми муносибатҳои кушоду самарабахши байниминтақавӣ ва амиқсозии минбаъдаи шарикии бисёрҷониба мебошад.

Роҳбари Ўзбекистон изҳори итминон кард, ки рафъи оқибатҳои тағирёбии иқлим, гузаштан ба «рушди сабз»-и фарогир, истифодаи оқилонаи об ва таъмини амнияти экологӣ дар оянда низ аз авлавиятҳои ҳамкориҳои бисёрҷонибаи мо хоҳанд буд.

Дар маросими ифтитоҳи конфронс ҳамчунин Намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо оид ба корҳои хориҷӣ ва сиёсати бехатарӣ, ноиби президенти Комиссияи Аврупо Ҷозеп Боррел, президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд Одил Рено-Бассо, ноиби президенти Бонки сармоягузории Аврупо Тереза Червинская, Котиби генералии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо Ҳелга Шмид низ суханронӣ карданд.

– Таърихи ҳамкории байни халқҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ ба якчанд аср рафта мерасад, – гуфт Намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо оид ба корҳои хориҷӣ ва сиёсати бехатарӣ, ноиби президенти Комиссияи Аврупо Ҷозеп Боррел. – Хусусан, Роҳи бузурги абрешими бостонӣ барои боз ҳам инкишоф додани ин муносибатҳо хидмат кардааст. Имрўз ҳам ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузории кишварҳои Осиёи Марказӣ бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар доираи дуҷониба ва бисёрҷониба инкишоф меёбанд. Пас аз пандемия барқарор намудани суботи иқтисодӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ, истифодаи самараноки захираҳои энергетикӣ ва масъалаҳои экологӣ ба вазифаҳои мубрами кишварҳои ҷаҳон табдил ёфт. Аз ҷумла, ин масъалаҳо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ниҳоят муҳим маҳсуб меёбанд. Мо дар ин бобат омодаем онҳоро дастгирӣ намуда, кумак расонем. Барои рушди иқтисод сармояи зиёд лозим ва барои ноил шудан ба ин дар кишвар шаффофият, ошкорбаёнӣ таъмин карда, қонунгузории пойдор ва кафолатнок фароҳам оварда шавад. Мо бояд дар ин бобат мақсаду саъю кўшишамонро муттаҳид намоем.

Президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд хонум Одил Рено-Басо таъкид кард, ки бо назардошти вазъи геосиёсии имрўза барои густариши равобити тиҷоратию иқтисодии байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо ба рушди низомҳои коммуникатсияи нақлиётӣ, инфрасохтори энергетикӣ ва рақамӣ таваҷҷуҳи махсус бояд дод. Дар ин бобат бо ташкилотҳои давлатӣ маҳдуд нашуда, ҳамкории сектори хусусиро вусъат додан лозим аст. Зимнан зикр гардид, ки бо истифода аз имкониятҳои намояндагиҳои Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, ки имрўз дар кишварҳои Осиёи Марказӣ фаъолият мекунанд, дар самти сармоягузорӣ муттаҳид кардани қувваҳо ва ҳамкории муштарак муфид хоҳад буд.

Дар ҷаласаи пленарии конфронс таҳти унвони «Нигоҳе ба иртиботи мутақобилаи Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ» нотиқони асосӣ – муовини Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон, вазири корҳои хориҷӣ Мухтор Тлеубердӣ, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Мўҳриддин, вазири корҳои хориҷии Ўзбекистон Владимир Норов, муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон Айбек Молдоғазиев ва муовини вазири корҳои хориҷии Туркманистон Вепа Гаҷиев иштирок намуданд.

Дар ҷаласаи умумӣ таҳти раёсати Намояндаи махсуси Шўрои Аврупо оид ба Осиёи Марказӣ Терхӣ Ҳакала спикерҳо се самти миёни Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ – тавсеаи миқёси шарикии тиҷоративу иқтисодӣ, беҳбуди иртиботи мутақобила дар соҳаи нақлиёт, инчунин рушди инфрасохтори рақамӣ дар асоси талаботи имрўза, бо васеъ ҷорӣ намудани комёбиҳои техникаи ҳозиразамон сухан ронданд.

Дар нимаи дуюми рўз тибқи барномаи конфронс ҷаласаҳо дар шакли сессияҳои ҷудогона аз рўи мавзўъҳои муайяншуда идома ёфтанд. Дар ҷаласаҳои пур аз баҳсу мунозира коршиносони варзидаи кишварҳои пешсаф дар бахшҳои рақамисозӣ, обу энергетика ва нақлиёт, масъулони вазорату идораҳо роҳҳои ҳалли муштараки масъалаҳои мушкилро дар ҳамон самтҳо бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо ва дигар сохторҳои молиявии байналмилалӣ баррасӣ намуданд.

Конфронс дар шакли муколамаҳои B2B бо номи «Дурнамо ва қадамҳои минбаъда» дар намуди мулоқотҳои дуҷонибаи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои минтақа идома ёфт.

Бинобар ҷамъбасти конфронс аз рўи масъалаҳои дар ҷамъомади умумӣ ва шуъбаҳо баррасигардида изҳороти Самарқанд қабул гардид.

Дар брифинг бахшида ба ҷамъбасти конфронс вазири коҳои хориҷии Ҷумҳурии Ўзбекистон Владимир Норов ва Намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо оид ба корҳои хориҷӣ ва сиёсати бехатарӣ, муовини раиси Комиссияи Аврупо Ҷозеп Боррел қайд намуданд, ки чорабиниҳо дар сатҳи баланд, бо иштироки фаъолонаи тарафҳо гузаштанд. Таъкид карданд, ки масъалаҳои баррасишуда ва тафовуқоти ҳосилшуда марҳилаи нави сифатии муносибатҳои Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказиро оғоз намуда, ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба хидмат мекунанд.

– Мо аз ташаббуси «Дарвозаи глобалӣ»-и Иттиҳоди Аврупо, ки моҳи декабри соли 2021 эълон шуда буд, истиқбол мекунем, – гуфт вазири корҳои хориҷии Ўзбекистон В.Норов. – Ин рушди равобити шарикии глобалиро ба воситаи ҳавасмандгардонии сармоягузории муштарак, бахусус инфрасохтор, фароҳам овардани шароити беҳтар барои ҳамкориҳои иқтисодӣ, интиқоли молҳо, одамон ва хидматҳо дар тамоми қитъаҳо дар назар дорад.

Дар доираи чорабиниҳо муаррифӣ ва мулоқотҳои намояндагони бахши хусусии Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ баргузор шуданд.

**Ғайрат ХОННАЗАРОВ,**
**Ғолиб ҲАСАНОВ,**
**мухбирони ЎзА.**

---

# «ДАРАХТИ ДЎСТӢ» – ДАР САМАРҚАНД

***Бо ташаббус ва дастгирии ташкилоти бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО дар назди бинои наву муҳташами Донишгоҳи давлатии байналхалқии «Роҳи бузурги абрешим»-и Самарқанд муҷассамаи «Дарахти дўстӣ» қад афрохт.***



Бо ҳамин муносибат анҷумани бошукўҳ баргузор гардид, ки дар он аҳли қалам, ҳайкалтарошу меъморон, меҳмону мизбонон, вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ, талабагони мактабҳои олӣ, роҳбарони мақомоти давлатӣ ва дигарон ширкат варзиданд.

Ҷонишини Сарвазир, вазири туризм ва мероси фарҳангӣ А. Абдуҳакимов риштаи суханро ба ҷонишини директори ЮНЕСКО Стефания Ҷонино дод. Вай иброз дошт, ки бо сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи Шавкат Мирзиёев риштаи дўстӣ бо мамлакатҳои ҷаҳон сол то сол мустаҳкам мешаванд. Ана барои чӣ дар Осиёи Марказӣ бори нахуст маҳз дар чорроҳаи тамаддуни Шарқ – Самарқанди бостонӣ муҷассамаи «Дарахти дўстӣ» гузошта мешавад.

Инчунин дар тадбир ҳайкалтарош, вазири фарҳанги ЮНЕСКО Ходвар Серр иброз дошт, ки барои ў тайёр кардани муҷассамаи «Дарахти дўстӣ» шарафи бузург аст.

– Қабл аз ин камина дар 12 мамлакати ҷаҳон, аз он ҷумла Юнон, Исроил, Амрико, Олмон, Фаластин ва ғайра чунин ҳайкалҳои ифодагари тараннуми дўстии халқҳоро бунёд кардаам. Навбат ба Мексика омад ва соли оянда хоҳем гузошт.

Меҳмонон аз Фаронса, Олмон, Италия ва дигар кишварҳо, ки дар чорабинии мазкур ширкат варзиданд, муҷассамаҳои осорхонаи Донишгоҳи байналхалқии «Роҳи бузурги абрешим»-ро низ тамошо карданд.

– Маҳз дар Самарқанд гузошта шудани муҷассамаи «Дарахти дўстӣ» бесабаб нест, – гуфт ҷонишини ҳокими вилоят оид ба масъалаҳои сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ Рустам Қобилов, – зеро дар шаҳри мо анҷуманҳои бонуфузи гуногун мегузаранд ва шуҳрати он афзоиш меёбад. Чанде пеш гузаштани маҷлиси Ҳамкории Шанхай, ҷамъомади сарони давлатҳои Созмони кишварҳои туркӣ ва ғайра далели фикри ман мебошанд.

Шоири ширинкалому хушбаёни форсу тоҷик Ҳофизи Шерозӣ таъкид мекунад:

*Дарахти дўстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,*
*Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**
**Сурати ЎзА.**

---

*Фикри депутат*

# ДАР МАМЛАКАТИ МО МУҲИТИ САРМОЯВӢ БОЗ БЕҲТАР МЕШАВАД

***Солҳои охир дар натиҷаи сиёсати ошкоро, дўстона ва прагматикие, ки таҳти сарварии Президент Шавкат Мирзиёев амалӣ мешавад, мавқеъ ва аҳамияти мамлакати мо дар муносибатҳои байналхалқӣ ба дараҷаи эҳсосшаванда мустаҳкам мегардад.***

Дар замони кунунии ҷаҳонишавӣ ягон давлати дунё наметавонад дар ҷудоӣ аз кишварҳои дигар инкишоф ёбад. Танҳо ҳамкориҳои муфид ва эътимоди тарафайни байни мамлакатҳо воситаест, ки ба тараққиёт мебарад.

Бояд таъкид намуд, ки сармояҳои хориҷӣ ва ҷалби маблағи созмонҳои байналхалқӣ ба пешрафти иқтисодии мамлакат мусоидат карда, баҳри фаровонҳолии аҳолӣ аҳамияти хуб касб менамоянд. Дар байни давлатҳои инкишофёфтаистода бобати ҷалб намудани сармоя ва маблағҳои хориҷӣ муҳити рақобати ҷиддӣ мавҷуд аст. Яъне муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва сармоявӣ фароҳам оварда тавонистани ҳар як давлат пешрафти минбаъдаи ўро муайян мекунад.

Бо дарназардошти ин, ба мақсади беш аз пеш беҳтар намудани муҳити сармоявии мамлакат, васеъ намудани ҷалби бевоситаи сармояҳои хориҷӣ ба соҳаҳои устувори иқтисодиёт ва дигар ҷанбаҳои муҳим моҳи ноябри соли 2019-ум дар назди Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шўрои сармоягузорони хориҷӣ ташкил гардида буд.

Шўрои мазкур дар муддати сипаришуда барои, пеш аз ҳама бевосита ва фаъолона ҷалб намудани сармояҳои хориҷӣ, кумакрасонӣ баҳри инкишоф додани савдои муфиди тарафайн, амиқ кардан ва таҳлил намудани омилҳои асосие, ки ба фаъолнокии сармоягузорон монеаҳо ба миён меоранд, фаъолияти самарабахш дошт.

Ба наздикӣ таҳти сарварии Президент Шавкат Мирзиёев аввалин ҷамъомади умумии Шўрои сармоягузорони хориҷии назди роҳбари давлат баргузор шуд. Дар иҷлосияи нахустини ин мақомоти машваратӣ масъалаҳои васеътар кардани ҳамкориҳои муфиди сармоявӣ, ба амал татбиқ сохтани лоиҳаҳои дақиқи кооператсионӣ дар самтҳои устувори мамлакат баррасӣ шуданд.

Дар он зикр шуд, ки роҳбари давлат бо Президенти бонки рушд ва таҷдиди Аврупо, роҳбарони ширкатҳои бонуфуз барои дар Ўзбекистон созмон додани муҳити созгори сармоявӣ ва бинобар самтҳои устувори соҳа мулоқоти ошкоро баргузор кард, дар натиҷаи он, агар гўем, ки эътимоди сармоягузорон нафақат ба Ўзбекистон, балки ба ислоҳоте, ки дар соҳа татбиқ мешаванд, афзуд, муболиға нахоҳем кард.

Дар ҷамъомад аъзои Шўро ба сухан баромада, муваффақиятҳои баланди барномаи ислоҳоти дар Ўзбекистон ҷоришудаистода ва дар натиҷаи онҳо барои машғул шудан бо тиҷорат ва амалӣ намудани лоиҳаҳои истиқболнок ба миён омадани шароитҳои мусоидро қайд карданд. Онҳо ба роҳбари давлат барои он ки ба фаъолияти сармоягузорон ҳамаҷониба кумак мерасонад, миннатдории амиқ изҳор намуда, қайд карданд, ки минбаъд низ ба ҳамкории муфиди тарафайн тайёранд.

Дар чорабинии мазкур сарвари давлат пешниҳод намуд, ки Қумитаи ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон таъсис дода шавад. Ҳамчунин, дар назди Вазорати сармояҳо ва савдои хориҷӣ Гурўҳи кории дастгирии сармоядорон ташкил гардад. Бешубҳа, ин кумита дар асоси тамоюли «даричаи ягона» барои бо маълумоти зарурӣ таъмин кардани сармоягузорон, ҳамаҷониба ва мунтазам дастгирӣ намудани онҳо корҳои самти мазкурро ба дараҷаи нав хоҳад бардошт.

Ба тарзи хулоса метавон гуфт, ки ташаббусҳои дар ҷамъомад ба миёнгузошташуда барои беш аз пеш беҳтар шудани муҳити сармоягузории мамлакат, пешрафти устувори иқтисодиёти он хидмат мекунанд. Мо, намояндагони халқ дар навбати худ бо истифода аз дипломатияи парлумонӣ бояд робитаҳои худро бо давлатҳои хориҷӣ беш аз пеш инкишоф диҳем, қонунгузории соҳаи сармояҳо ва соҳибкориро ташаккул дода, дар иҷрои қонунҳои самти мазкур, ба хусус бобати ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорони хориҷӣ ва манфиатҳои қонуни онҳо фаъолтар бошем.

**Нодир ТИЛАВОЛДИЕВ,**
**депутати Палатаи**
**қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**

---



# АВВАЛИН ҚАҲРАМОНИ ҶАҲОН ОИДИ ТАЭКВОНДО

***Назар ба хабари хидмати ахбори Вазорати рушди варзиш дар чемпионати ҷаҳон оиди таэквондо, ки дар Мексика рўйи кор омад, намояндаи мо Светлана Осипова аз рўйи вазни 73 кг дар зўрозмоии финалӣ Дана Арзаннии исроилиро мағлуб сохта, чемпиони ҷаҳон гардид.***

Ў якумин духтари ўзбекистонист, ки оиди ин навъи варзиш дар арсаи ҷаҳонӣ пирўзӣ ба даст оварда, қаҳрамони дунё шудааст.

Айни замон ду нафар аъзои гуруҳи яккачини мо Никита Рафалович ва Фирўза Содиқова дар ин мусобиқа медалҳои биринҷӣ гирифтанд.

---

## ХАБАРҲО

### "КОРПУСИ СУЛҲ" АЗ НАВ БАРҚАРОР МЕГАРДАД

***Сафири нави ИМА дар мамлакати мо Ҷонатан Хеник зимни анҷумани матбуотие, ки дар пойтахт орост, таъкид сохт вақти он фаро расида, ки дар Ўзбекистон "Корпуси сулҳ" аз нав барқарор карда шавад.***

Аз соли 1992 фаъолияти он дар диёри мо сар шуд ва мувофиқи барномааш якчанд лоиҳа марбут ба тозасозии оби нўшокӣ, мубориза алайҳи СПИД, кумак ба соҳибкории хурд ва ғайра ба амал барварда шуданд. Соли 2005 бо баъзе сабабҳо фаъолияти он, ки неруи муҳаррикаш ихтиёриёнанд, дар мамлакатамон қатъ ёфта буд.

Бобати барқарорсозии фаъолияти "Корпуси сулҳ" бо ҳукумати Ўзбекистон ба мувофиқаи принсипиалӣ даст ёфтем, гуфт Ҷ. Хеник, барои муҳокимаи барномаи хайрия аз ИМА намояндагони мутасаддиро таклиф карданием.

### КЎДАКОН ВА МУҲИТИ ЗИСТ

***Аз ҷониби Бунёди "Замин" ва ЮНИСЕФ бахшида ба Рўзи ҷаҳонии бачаҳо таҳти мавзўи "Таъмини ҳуқуқи кўдак нисбати муҳити гирду атрофи солим" форуми байналхалқӣ баргузор гардид.***

Дар он намояндагони СММ, вакилони созмонҳои байналхалқиву минтақавӣ ва корпусҳои дипломатӣ, масъулони институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, ходимони доираҳои илмию педагогӣ аз як қатор давлатҳои дунё иштирок карданд. Дар форум раиси Шўрои васоятгари бунёди "Замин" З. Мирзиёева баромад кард ва гуфт, ҳиссаи ҳар яки мо дар беосеб нигоҳ доштани табиат ва ҳаракатҳоямон бобати хуррамсозии ҳар ваҷаб замин дар барқарории муҳити зист аҳамияти муҳим касб менамояд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**

# МЕТРОИ ТОШКАНД: ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ

**_Ватани метрополитен шаҳри Лондон мебошад. Дар солҳои шастуми асри нуздаҳ ба барпои он шурӯъ карда буданд. Баъдтар дар дигар шаҳрҳои калони Аврупо низ ба ин кор ҷазм карданд ва кушодашавии хатҳои метро ва истифода аз нақлиёти зеризаминӣ воқеаи муҳим дар ҳаёти як қатор кишварҳои пешрафтаи дунё гардид._**




Вақте метрои Тошканд кушода шуд, мо донишҷӯ будем. Ба чаҳор тараф паҳн шудани овозаи аввалин метро дар Осиёи Марказӣ як ҳолати табиӣ буд. То он вақт дар шаҳрҳои Маскав, Ленинград, Киев, Харков, Тбилиси ва Бокуи собиқ Иттиҳод поездҳои тезгарди зеризаминӣ мавриди истифода буданду халос.

Кумитаи Марказии ҲК Ӯзбекистон ва Шӯрои Вазирони ҷумҳурии мо дар бораи барпо карда шудани метрополитен дар Тошканд қарор қабул карданд. Тошкандиён вестибюли метрополитен ба рӯйи аҳолӣ ва меҳмонони пойтахт 45 сол пур шудааст.

Он асно танҳо як хат – Чилонзор вуҷуд дошт ва дарозии умумии роҳҳои филизӣ аз 11,7 километр иборат буд. Ҳоло бошад, дарозии умумии сохтор 58,8 километрро ташкил менамояд. Ҳар рӯз 64 поезд ба ҳисоби миёна бештар аз 550 ҳазор мусофиронро ба манзил мерасонад. Дар 43 истгоҳ ва депои барқӣ бештар аз 5 ҳазор нафар ходимон навбатдорӣ менамоянд.

Як назар ба саҳифаҳои таърихи баъди заминларзаи шадиди соли 1966 ба нақша дароварда шудани сохтмони метроро шунида, ба истифода супурда шуданашро якчанд сол интизорӣ кашиданд ва ниҳоят моҳи ноябри соли 1977 метро бори аввал дар 9 истгоҳ дарҳои худ боз намуд.

Барпо шудани қасрҳои зеризаминӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ воқеаи фаромӯшнопазир дар ҳаёти халқҳои Ӯзбекистон низ буд. Он қасрҳои бо меъмории замонавию миллӣ ороёфта, ки дар ҳар истгоҳ диққати равуокунандаҳоро ба худ мекашиданд, дизайни якдигарро такрор намекарданд. Хусусан онҳое, ки кушодашавии нақлиёти зеризаминиро шунида, озими шаҳри азим шуда ва яке аз намунаҳои меъмории асрро медиданд, фикр мекарданд ба олами афсона афтодаанд. Ба мо низ, ки чанд нафар маҳз барои “тамошо”-и метро аз Хуҷанд омадем, ҳамин ҳолат рӯй дода буд.

Ба нахустин бор кушодашавии барпои метро дар Тошканд.

Лоиҳаи сохтмонро Институти лоиҳакашии “Метрогипротранс”-и Маскав кашидааст. Мутахассисони ин институт баъдтар низ дар хушсифатии дизайн ва ороишоти метрополитени Тошканд мадад кардаанд. Сохтмон соли 1968 оғоз ёфт, аз соли 1972 ба сафи сохтмонҳои зарбдор дохил шуд, то нимсолаи аввали соли 1977 бо суръат давом намуд.

Дар арафаи будшавии хати «Чилонзор» аз Маскав 20 адад поезд оварда шуд. Ҳар кадом поезд чаҳортоӣ қатора дошт. Он поездҳо ба электродепои Чилонзор ҷойгир карда шуданд, ки то ҳол мавриди истифода мебошад. Маҷмӯи хидматрасонии техникӣ ва таъмирии депо дар рӯйи замин ҷой гирифта ва ба роҳи рӯйизаминии филизӣ пайваст мебошад. Ин барои дастрас кунондан ва ё ба самтҳои дигар бурдани поездҳо қулайӣ тавлид месозад.

Барои зинат додани толорҳои зеризаминии хати «Чилонзор» асосан мармари сафед истифода гардид, ки дар худи Ӯзбекистон истеҳсол шудааст. Дарвоқеъ, деворҳо, пилонҳо ва сутунҳо дар як қатор истгоҳҳои метрополитени Маскав низ он солҳо бо мармари сафеди ҷумҳурии мо зинат ёфта буданд.

Метрои онвақтаи Тошканд аз маҳаллаи ҳафтдаҳуми Чилонзор оғоз ёфта, бо пас гузоштани кӯчаи “Дӯстии халқҳо”, Кӯли комсомол (Боғи миллии ҳозира), стадиони “Пахтакор”, Майдони мустақилияти ҳозира (онвақта Майдони сурх), Хиёбони имрӯзаи Амир Темур, ки он асно Хиёбони инқилоб ном дошт, то кӯчаи ба номи Луначарский тӯл мекашид. Масофаи байни истгоҳҳо аз як километр то ду-дуюним километр мебаромад.

Номи баъзе аз истгоҳҳо, ки он вақт гузошта шудаанд (аз қабили “Тинчлик”, “Пахтакор”) ҳануз тағйир наёфтаанд. Номи аксарияташон баъдан тағйир ёфтанд, ки ҳар яке маънои рамзӣ касб намудаанд.

Дар рӯзҳои мо низ барои аз назари техникӣ гузарондан, покиза сохтан, лозим шавад таъмир намудан қисми асосии поездҳо ба истгоҳи «Чилонзор» оварда мешаванд.

Навбати дувуми хати «Чилонзор» соли 1980 ба истифода супурда шуд. Қисми аввали самти дувуми метрополитени Тошканд, ки “Ӯзбекистон” ном гирифт, соли 1984 мавриди баҳрабардорӣ гашт. Сохтмони пурраи он соли 1992 ба итмом расид. Дар солҳои истиқлолият ба тошкандиён боз як хати нави метро бо унвони “Юнусобод” тақдим гашт (сентябри соли 2001). Дар ин самт боз ду истгоҳи нав барпо («Юнусобод» ва «Туркистон») ва кушодашавии хати пурраи “Юнусобод” иборат аз 6 истгоҳ ба таври мутантан 30 августи соли 2020 таҷлил гашт. Худи ҳамон рӯз хати рӯизаминии филизии ҳалқагард иборат аз 7 истгоҳ низ кушода шуд ва дар равуои аҳолӣ ба мавзеи Қӯйлиқи пойтахт қулайиҳо ба амал омаданд. 26 декабри соли 2020 дар ҷамъ 5 истгоҳи хати метрои рӯйизаминии «Сергели» равуои қатораҳо ибтидо гирифт.

Ҳоло дар метрополитени Тошканд 5 хат («Чилонзор», «Ӯзбекистон», «Юнусобод», «30-солагии истиқлолият», ки ҳалқагард низ ном дорад ва «Сергели») фаъолият мебарад.

Дар Роҳи ҳалқагард сохтмони хатҳои нави метро ҳоло давом дорад. Он рӯз дур нест, ки боз 7 истгоҳи замонавӣ барпо ва барои аҳоливу меҳмонони пойтахт равуо ба тамоми гӯшаву канори шаҳри азим то андозае осон гардад.

Вақтҳои охир 15 вагони нав оварда шуда бошанд, овардани боз 14 электровагон ба нақша даромадааст. Метро воситаи нақлиётии қулай, арзон, аз нигоҳи экологӣ бехавф мебошад. Аҳолиро зуд ба манзил мерасонад. Баъди рафтани поезд омадани поезди навбатиро тақрибан 5-7 дақиқа интизор шудан лозиму халос.

**М. ШОДИЕВ.**

_Рӯзи байналмилалии кушодадилӣ_

# ҲАФТАИ «ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ – ДИЁРИ ДӮСТИИ ХАЛҚҲО»

**_Маълум аст, ки 16 ноябри соли1995 дар сессияи 28-уми Конференсияи генералии ЮНЕСКО дар шаҳри Париж «Декларатсияи тамоюлҳои кушодадилӣ» қабул гардида буд. Ин сана дар миқёси олам ҳамчун «Рӯзи байналмилалии кушодадилӣ» таҷлил мегардад._**

Ҳоло дар мамлакатамон намояндагони беш аз сад миллат ва 16 конфессияи динӣ чун фарзандони як оила тифоқона кору зиндагӣ мекунанд. Алҳол дар вилояти Бухоро низ 12 маркази миллию маданӣ ва 10 ташкилоти динии ноисломӣ фаъолият доранд. Бояд таъкид намуд, ки ҳамаи онҳо бо як мақсад – баҳри оромиву осоиштагӣ ва тараққиёти Ӯзбекистони соҳибистиқлол азму кӯшиш мекунанд. Беҳуда нест, ки намояндагони ин марказҳо солҳои гуногун сазовори мукофотҳои давлатӣ гаштаанд.

Ба муносибати Рӯзи кушодадилии байналмилалӣ дар шаҳру ноҳияҳо бо ҳамкории ҳокимият, шуъбаи вилоятии Маркази маънавият ва маърифат, ташкилоти нодавлатию нотиҷоратӣ таҳти шиори «Ӯзбекистони Нав – диёри дӯстии халқҳо» 15-21 ноябр чорабиниҳои маданию маърифатӣ баргузор мегарданд. Яке аз чунин чорабиниҳо дар Донишгоҳи давлатии Бухоро таҳти унвони «Маърифат ва кушодадилии байни миллатҳо» ба амал омад. Дар он ташкилоти ҳамкор, намояндагони марказҳои миллию мадании вилоят иштирок карданд. Ҷонишини ҳокими вилоят Миралӣ Ҳамроев тадбирро кушода, ҷамъомадагонро бо иди байналхалқӣ муборакбод намуд. Аз ҷумла, ӯ бобати дар Бухоро ҳамчун яке аз марказҳои тамаддуни олам мақоми баланд доштани дӯстии халқҳо, якдилӣ, тафоҳуми байниҳамдигарии қавмҳою намояндагони динҳо, фазилатҳои инсонпарваронаи мардумамон таваққуф кард. Дар чорабинӣ аз хусуси фаъолияти хуби ҳамаи марказҳои миллию маданӣ сухан рафт, намояндагони онҳо бо ташаккурнома ва туҳфаҳои арзанда сарфароз карда шуданд. Дар охир иштирокдорони тадбир дар «Боғи дӯстӣ»-и донишгоҳ ниҳол шинонданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,
мухбири
«Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.**

# ДАР НУҚУС МАРКАЗИ САЙЁҲӢ КУШОДА ШУД

**_Дар Нуқус маркази сайёҳии «Этноовули Қароқалпоқистон» ба истифода супурда шуд. Марказ бо дастгирии Бунёди рушди имконияти занон ва духтарони Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналхалқӣ (USAID) бунёд гардид. USAID-ро ширкати «Nitsa Nukus» таҳти роҳбарии соҳибкори маҳаллӣ Амина Бегҷонова бо 15 юртаи арзиши умумиаш 33 ҳазор доллари ИМА муаррифӣ намуд. Юртаҳое, ки дар соҳили Ошиққӯл ҷойгир карда шудаанд, сайёҳонро бо маданияти Қароқалпоқистон, ҳунармандии ин кишвар шинос мекунанд._**



_Дар сурат: дар маркази сайёҳӣ._

Дар юртаҳо меҳмонон метавонанд гиламҳои қароқалпоқӣ, сӯзаниҳои дастисохт, маснуоти қаннодиро харид кунанд, аз таомҳои миллӣ баҳра баранд. Дар доираи ташаббуси мазкур USAID технологияи навро барои пешрафту вусъати тиҷорати хусусии бонувоне, ки бо тиҷорати аграрӣ, ҳунармандӣ, истеҳсоли матоъ ва сайёҳии аграрӣ дар сар то сари Ӯзбекистон машғул мебошанд, намоиш медиҳад.

Аз ҷумла, дар ҳолати то моҳи октябри соли 2022-юм тақрибан ба 40 нафар бонувони соҳибкор аз ҷониби Бунёди вусъати имкониятҳои занону духтарон технологияҳои нав ва таҷҳизоти замонавӣ баҳри вусъат ва инкишоф додани тиҷораташон дар ҳаҷми зиёда аз 600 ҳазор доллари ИМА пешниҳод гардид.

Иштирокдорони чорабинӣ бо фаъолияти маркази сайёҳии «Этноовули Қароқалпоқистон», шароите, ки барои меҳмонон фароҳам оварда шудаанд, шинос гардиданд. Ба эътибори онҳо ҳамчунин намоишгоҳи ҳунарҳои халқӣ ва сару либосҳои миллӣ, барномаи консертии иҷрогарони сурудҳои фолклорию эстрадӣ, рақсҳои халқӣ пешниҳод карда шуданд.

**_Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ._
ӮзА.**

**_Дар Қасри ҷавонони Самарқанд ба муносибати барқарор шудани равобити дипломатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон шоми дӯстии халқҳо ба вуқӯъ пайваст, ки дар он вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ, аҳли фарҳангу ҳунар, устоду шогирдони факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд, вакилони марказҳои миллии вилоят ва дигарон ширкат варзиданд._**

# ШОМИ ДӮСТӢ

Ҷонишини ҳокими вилоят Рустам Қобилов ҳозиронро самимона табрик гуфт.

Оркестри симфонии давлатии дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии раиси он Олимҷон Солеҳзода бо барномаи консертии худ табъи ҳозиронро болида сохтанд.

Ҳунарпешагони халқии Тоҷикистон, ғолибони озмуни байналхалқӣ Ҳасан Ҳайдар, Парвин Юсуфӣ, Хуҷаста Мирзовалӣ, Чоршанбе Аливатов, Гулчеҳра Қурбонова ва дигарон бо сурудҳои дилнишину гуворо ғизои маънавӣ бахшиданд.

– Мо аз шоми дӯстии халқҳо як олам таассурот гирифтем, – иброз дошт Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистон, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Амина Шарофиддинова, – зеро ҳунарпешагони Тоҷикистон бо барномаи консертии худ табъи моро болида сохтанд.

– Боиси хушнудист, ки баромади мо ба мардуми Самарқанд писанд омад, бо кафкӯбӣ ва гулдастаҳои тару тоза қадршиносӣ карданд, – гуфт Ҳасан Ҳайдар. – Камина аз фурсат истифода бурда, тамоми мардуми Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро бо 30-солагии равобити дипломатӣ табрик гуфта, хушиҳои зиндагиро таманно дорам. Мардуми тоҷику ӯзбек тандурусту хонаобод бошанд.

**Баҳодури ЗОҲИР.**

_Вилояти САМАРҚАНД._

# ДОРУСОЗӢ – САНОАТИ РӮ БА ИНКИШОФ

**Бори аввал аст, ки анҷумани «Фарма Ӯзбекистон ва Осиёи Марказӣ» дар пойтахти Ӯзбекистон баргузор гардид. Дар ин ҷамъомади байналхалқӣ, ки ба саноати дорусозӣ бахшида шуд, намояндагони ширкату корхонаҳо аз даҳҳо мамлакатҳои хориҷӣ ҷамъ омаданд.**

Саноати дорусозӣ, ки аз соҳаҳои нозук ва технологии баланд маҳсуб мегардад, дар айни ҳол бозори хеле васеъ дорад ва аз ин боис рӯ ба инкишоф аст.

Дар Ӯзбекистон низ соҳа аз пешқадамтарин ба шумор рафта, барои солҳои 2022-2026 106 лоиҳаи сармоявӣ ба миқдори 1,25 миллиард доллар пешбинӣ гаштааст.

– Танҳо соли ҷорӣ дар Ӯзбекистон 34 лоиҳаи соҳа ба миқдори 80 миллион доллар муҳаррар гаштааст, ки ин яке аз саноатҳои пешқадамтарин дар Осиёи Марказӣ мебошад, – мегӯяд бунёдгузор ва директори генералии ташкилотчии асосии анҷуман – «Восток капитал» Оксана Федосеева. – Маҳз ба далели эътибори зиёд ба соҳаи мазкур аз ҷониби ҳукумати Ӯзбекистон мо инҷоро чун маҳалли ҳамоиш интихоб намудем, – суҳбаташро идома медиҳад ин вакили соҳаи саноати дорусозии Русия.

Дар давоми се рӯз дастандаркорон ва мутахассисони соҳа дар бобати ҷанбаҳои гуногуни саноати дорусозӣ – аз дастгоҳу василаҳои истеҳсолии он то нигоҳдориву захира ва бозору фурӯши он суҳбат намуданд ва ин мулоқот барои ҳамдигар муфид буд, ки баъдан дар кори худ истифода намоянд.




Бо таҷриба ва дониши соҳа то ҷӣ андоза мусаллаҳ будан, хусусан вақтҳои карантину пандемия ба дард мехурад, ки дар чунин ҳолатҳо соҳа ва ҷамъият дар ғафлат намонад.

Чунин вазъият ва манзара дар вақти паҳн гардидани коронавирус бараъло маълум гардид, ки то ҳисоби корро ёфтан фаъолияти соҳаи марбут қариб дар тамоми ҷаҳон фалаҷ гардида буд.

Аз ин боис ҳикмати «илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ» ба ин соҳа низ дархур аст, ки танҳо ба ҳам дидани таҷриба ва дониш баъзан инсониятро аз вартаи бӯҳронҳои гуманитарӣ наҷот диҳад.

**Т. МИРҲАЁЕВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
Суратгир: Р. ГАЛЕЕВ.**

# ДАР ФАРҒОНА ХОНАИ ДӮСТӢ КУШОДА ШУД

**_Дар мавзеи Қиргулии вилояти Фарғона маросими мутантани ифтитоҳи “Хонаи дӯстӣ” баргузор гардид. Дар он марказҳои фарҳангии миллии олмонӣ, славянӣ, яҳудӣ, тоторӣ, қирғизӣ, кореягӣ, тоҷикӣ, туркии вилоят ва намояндагони ҷомеаи вилоят ширкат варзиданд._**

Мустаҳкам намудани дӯстии байналхалқӣ, ҳамфикрӣ ва таҳаммулпазирӣ яке аз тамоюлҳои асосии сиёсати давлати мо мебошад. Дар чорабинӣ зикр гардид, ки бо ташаббуси Сарвари давлат ба марказҳои фарҳангии миллӣ, таъминоти моддию маънавии онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад, «Хонаи дӯстӣ»-и ба истифода додашуда намунаи ин таваҷҷуҳи баланд мебошад.

Биноӣ собиқ қасри фарҳанги “Нефтчӣ”, ки бо харҷи беш аз 3,5 миллиард сӯми буҷети маҳаллии вилоят аз нав таъмир карда, симои зебою замонавӣ гирифтааст, ҳоло ба маъвои воқеии дӯстиву рафоқати намояндагони миллату халқиятҳои гуногун табдил ёфтааст. Дар ин ҷо барои 8 маркази миллии фарҳангии вилоят утоқҳои алоҳида ҷудо карда шуда, толори консертӣ барои баргузории маҳфилҳо ва чорабиниҳои гуногун намои замонавӣ гирифт. Эътироф гардид, ки дар Фарғона, ки дар ҳудуди он 4 миллион нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, миллату халқиятҳои гуногун таҳти шиори “Ӯзбекистон – хонаи умумии мо” дар муҳити дӯстиву ҳамфикрӣ ба сар мебаранд ва ҳамаи онҳо дар пешрафти кишвар саҳм доранд.

Дар вилояти Фарғона зиёда аз 228 ҳазор тоҷик, 77 ҳазор қирғиз, 41 ҳазор рус, 5600 кореягӣ, 4800 украин, 2000 totор ва 42 ҳазор яҳудӣ, турк ва немис зиндагӣ мекунанд. Ҳамчунин 8 маркази фарҳангии русӣ, тоҷикӣ, тоторӣ, олмонӣ, қирғизӣ, яҳудӣ, кореягӣ ва туркӣ фаъолият мекунанд.

Дар кишвари мо ҳар касе, ки худро ӯзбекистонӣ медонад, имкон дорад озодона зиндагӣ, кор, таҳсил кунад, анъанаҳои миллию динии худро пос дорад. Ба ин маънӣ номи роҳбарони марказҳои фарҳангии миллӣ, ки дар ҳифзи ҳисси Ватани ягона ва дар ин рӯҳия тарбия намудани насли наврас фаъолияти пурсамар доранд – Галина Акопҷонова, Семен Абдураҳмонов, Виктор Лян, Валентина Миллер, Албина Каримова, Нортоҷӣ Халибоева, Тоҳир Кападзе, Масъудҷон Мирзоев ва дигар фидоиён бо эҳтиром ба забон гирифта шуд.

Меҳмонон бо шароите, ки дар бино барои марказҳои маданияти миллӣ фароҳам оварда шудаанд, шинос шуданд. Барномаи консертӣ иборат аз суруду рақсҳо, ки анъана ва арзишҳои миллии миллатҳои гуногунро инъикос менамояд, дар иштирокчиёни чорабинӣ таассуроти калон гузошт.

Дар чорабинӣ ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров иштирок кард.

**Маъсудҷон
СУЛАЙМОНОВ,
мухбири ӮзА.**

# ДАР ҚАСРИ АРБОБ ШУРӮЪ ШУД...

## ва ё нигоҳе пас аз 30 соли Иҷлосияи таърихии сарнавиштсоз



***Бинои муҳташаму назаррабое, ки замоне роҳбари хоҷагии овозадор, Қаҳрамони ҷандкаратаи меҳнати сотсиалистӣ Саидхоҷа Урунхоҷаев бо талошу кӯшиш дар хоҷагии худ бунёд намуда буд, дар ҷумҳурӣ ҳамеша аз сохтмону маконҳои диданӣ ба шумор мерафт. Ин шоҳкории меъморӣ дар наздикии шаҳри Хуҷанд, ки бо номи Қасри Арбоб маъруф аст, ҳамакнун бо як рӯйдоди муҳими сиёсӣ низ вирди забонҳост, ки дар таърихи навини Тоҷикистон ҷойгоҳи фавқулода муҳим дошта, бе муболиға ва муҳобот сарнавишти даҳсолаҳои баъдии давлат ва миллатро муайян намудааст.***

***Аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар ин қаср Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, ки баъдҳо он чун ҷамъомади таърихӣ ёд шуду дар солномаи миллату мамлакат бо ҳарфҳои заррин сабт гардид, баргузор шудааст. Чунин тасаввур мешавад, ки аслан сессияҳоро баргузор намудан барои парлумони ҳар гуна мамлакат кори одӣ аст, аммо бояд ба инобат гирифт, ки дар он замони ҳассоси сиёсӣ ва ҷангиву офати гуманитарӣ дар пойтахт, бинобар ноороми вазъият ва фалаҷии тамоми сохторҳои марказии давлатӣ ин кор имконнопазир буд.***

***Бояд гуфт, ки роҳ ба сӯйи сулҳи саросарӣ ва оромии фарогири ҷумҳурӣ дар ин сессия бо интихоби Эмомалӣ Раҳмонов – раиси ҳукумати вилояти Кӯлоб ба вазифаи роҳбарии ҷумҳурӣ – Раиси Шӯрои Олӣ оғоз ёфт, аммо ҳанӯз то сулҳу салоҳи умумӣ ва оштии миллӣ бо гурӯҳу қувваҳои мухолифи силоҳшӯр вақти тӯлонии пур аз харобиовару машаққатноки беш аз чорунимсола дар пеш буд...***

Сессия, ки бештар аз ним моҳ давом кард, беш аз бист доғтарин ва рӯзмарратарин мавзӯъҳои ҷумҳурии ҷангзадаро ба рӯзномаи маҷлис гузошта буд. 197 нафар намояндагони мардум, ки аз марказ, минтақаҳои ҷануб ва шарқи мамлакат худро бо ҳар роҳу усул ба ноҳияи Хуҷанд – Қасри Арбоб расонда буданд, хуб дарк мекарданд, ки ин имконият ва фурсатро набояд аз даст диҳанд ва аз ин боис бо камоли масъулият ва ҳисси халқпарвариву ватандорӣ кор мекарданд.

Дар ин бора аксу манзараҳое, ки дар яке аз толорҳои Қасри Арбоб махсус ба иҷлосияи таърихӣ чун музей бахшида шудааст, бо забони ҳол далолат менамоянд. Суратҳои ҳанӯз сиёҳу сафед дар деворҳои толор депутатҳоро чунон ба тасвир овардаанд, ки аз ваҷоҳату қиёфаву кайфияташон фазо ва муҳити ҳавлноки рӯзҳои сессияро эҳсос намудан мушкил нест. Аз он манзараҳои ҷиддии корӣ ҳатто барои мо барин шахсон, ки аз даргириҳои дохилии хуношом ва бемаънӣ дур будем, ташаннуҷ ва ғалаёнҳои офатборе, ки ба сари аҳли ҷамъияти Тоҷикистон омадааст, дар бадан раъш медавонд.



*Дар толори музей.*

– Дар хусуси Иҷлосияи таърихии XVI ҳоло қариб дар ҳар муассиса ва ташкилоти ҷумҳурӣ маълумоту санадҳо гузошта шудааст, аммо дар худи ин толор вуҷуд доштани ҳамаи ин нигораву аксҳо гапи дигар аст, чунки ин дару деворҳо бевосита ва айнан шоҳиду гувоҳи он рӯзҳои хотирмони сарнавиштсоз гаштаанд, – мегӯяд яке аз маъмурони Қасри Арбоб.

Табиист, ки намояндагони халқ аз роҳбари нав иқдоми бартарафсозандаи буҳронро интизор буданд ва дар ин замина сармутахассиси шуъбаи таърихи нав ва навтарини Осорхонаи миллии Тоҷикистон Малоҳат Мирзоева менависад: «Аввалин суханоне, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардидан ба забон оварданд, чунин буд: «Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард... Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки вазъиятро ором намоем...»

Эҳтимол ҳоло ин суханон одӣ ва муқаррарӣ ба назар мерасанд, аммо он вақт, ки ҷамъият тоза аз сохт ва мафкураи шӯравӣ берун шуда, ҳанӯз қутбҳои сиёсӣ ва сохти давлатиро муайян карда натавониста буд, дар ин гирудори гумроҳӣ қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва диниву силоҳӣ аз ин суиистифода менамуданд ва ин холигоҳро пай бурда, ҳар кадоме мехост «деворро ба тарафи худ бигардонад».

Аз вакилони халқ Адолат Раҳмонова, ки яке аз ҳафт нафар депутатзанҳои Иҷлосияи XVI буд, дар ин замина ёдовар мешавад: «Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди абарқудрати Шӯравӣ ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳо, мисли Ҳизби наҳзати исломӣ, Ҳизби демократӣ, Ҷунбиши «Растохез», Ҳаракати «Лаъли Бадахшон» ба вуҷуд омаданд, ки ҳадафи онҳо ҳамчун давлати коммунистӣ маънидод кардани ҳукумати мо буд...

Сабаби дар Душанбе баргузор нашудани ҷамъомад низ он буд, ки вазъи пойтахт рӯз то рӯз муташанниҷ мегардид. Дар ҳамин вазъият аз ҳарду ҷониби даргир шахсони солимфикре пайдо шуданд ва гуфтанд, ки мо иҷлосияро дар ҷое гузаронем, ки ҳаёти депутатҳои халқ зери хатар намонад.

Ин гапҳо беасос набуд, чунки аллакай чандин фарзандони асили миллат кушта шуда буданд».

Вусъати фоҷиаро аз ин ду ҷумлаи ҳисоботии Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Акбаршоҳ Искандаров низ дарк кардан осон буд: «Имрӯз дар кишвар органҳои конститутсионӣ амалан фалаҷ шудаанд. Агар ин вазъият идома ёбад, хатари он мавҷуд аст, ки Тоҷикистон аз харитаи ҷуғрофиёии ҷаҳон умуман нест шавад».

Пас аз анҷоми сессия барои роҳбарияти нав давраи пур аз машаққат ва пурталотум сар шуда буд. Дар қадами аввал ташкилоту мақомоти давлатиро бояд дубора барқарор мекард, ки дар натиҷаи даргириҳо – бархурдҳои гурӯҳҳои силоҳбадаст ва майдонкашиҳо куллан фалаҷ гардида, на низоми кор монда буду на кадрҳои шоиставу муносиб. Яъне дар дохил сохти давлатиро бояд ҷон мебахшид, дар берун, ки сарони мухолифини сиёсии мусаллаҳ ҷумҳуриро тарк карда буданду вазъи дохилиро бесубот месохтанд, ба мулоқот барои сулҳу салоҳ ворид мешуд. Байни қувваҳои мухолиф зиддият чунон авҷ гирифта буд, ки сари як миз бе миёнҷигарии мақомоти кишвари сеюм нишастан ғайриимкон буд. Аз ин боис маҳалли мулоқот гоҳ Маскав, гоҳ Теҳрон, гоҳ кӯҳсорҳои махуфи шимоли Афғонистон... таъин мешуданд. Роҳбари ҷавон ва ҳомили ғайрату шуҷоат Эмомалӣ Раҳмон аз маҳалли воҳӯриҳо ҳавлу биме надошт, барояш ҷумҳурии орому босубот ва барои мардумаш хотирҷамъӣ аз ҳама ормонҳо афзал буд. Ҳанӯз дар сари ин роҳи пурпечутоб ба халқаш ваъда карда буд: «Ё ман дар Тоҷикистон сулҳро барқарор мекунам, ё дар ин роҳ ҷони худро медиҳам». Ин суханони боварибахш дили халқро гарм мекард ва орзуяшонро барои дастрасӣ ба сулҳи саросарӣ қавӣ месохт.

«Боз кадом ҷиҳати Иҷлосияи XVI аз назари сиёсӣ муҳим буд?» – бо ин савол ман ба устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Аҳрорҷон Убайдуллоев муроҷиат кардам: «Иҷлосия барои қабули Конститутсияи нави Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард, барои бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд шароит муҳайё сохт, ба ваҳдати миллӣ пойдевор гузошта, дар мамлакат ба раванди бунёдкорӣ оғоз бахшид, ба беҳбуди аҳволи иҷтимоӣ ва иқтисодии мардум шароит ба вуҷуд оварда, симои сиёсии давлатро дар арсаи байналхалқӣ муаррифӣ намуд».

Садҳо ҳазор мардуми аз дасти ҷангу нобасомониву ғорату қатл фирорнамуда дар кишварҳои ҳамсоя – хусусан Афғонистон паноҳ бурда буданд ва қисматашон аз беватаниву гуруснагиву залилӣ сахт буд. Дар дохили ҷумҳурӣ бӯҳрони қашшоқӣ ва гуруснагӣ бар замми ҳама бадбахтӣ ва шӯрбахтӣ изофа гардида, мардумро ба вартаи нобудӣ ва ҷумҳуриро ба парокандагӣ мекашид. Ба эҳтимоли қавӣ ин мисраъҳои ҷонгудоз аз қалби пурхуни шоир Лоиқ Шералӣ он рӯзҳои машъум заҳидаанд: «Моро, моро, Худо бубахшад моро – Ин миллати бесоҳибу бепарворо...»

Дар баробари доир намудани давраҳои мулоқот бо роҳбарони мухолифин, ҳалли ин масъалаҳои доғро низ ба таъхир андохтан мумкин набуд. Роҳбарияти нави ҷумҳурӣ ҳамин тавр ҳам кард.

Ташкилотҳои байналхалқӣ низ барои ҳалли мушкилот остин бар заданд ва хусусан барои бозгардондани гурезаҳо ҳамдастӣ намуданд. Қисме аз онҳо аз тариқи Тирмиз баргардонда шуданд, ки дар ҷараёни қабул ва пешвозгирии онҳо мухбири «Овози тоҷик» Тӯхтамиш Тӯхтаев низ ба Тирмиз ҳозир шуда буд, ки ҳоло аз он рӯзҳо чунин ёд мекунад. «Аз Афғонистон ба воситаи пули «Дӯстӣ» аввалин поезди савори паноҳандагон ба Тирмиз расида, аз он пиёда шуданд ва аввал замини барояшон азизро бӯсида, баъд аз рӯйи тартиб муоинаи тиббӣ анҷом дода шуд. Пас аз он қатор ҷониби Тоҷикистон рафт. Медидам, ки ин мардуми шӯрбахт чӣ гуна бадбахтиву зиллатро пушти сар гузоштаанд...»

Дар ҳар мулоқоти оянда мавқеъҳо дар бобати таркибиояндаи ҳукумат ва саҳми ҷонибҳо дар он мушаххастар ва равшантар мегардид, ки оқибат ба саҳми 60 фоизи ҳукумати ҷорӣ ва 40 фоизи қувваҳои мухолиф дар таркиби ҳукумати оянда тааҳҳуд гардид, ки ин ҳамосаи силсиламулоқотҳо 27 июни соли 1997 бо имзои Созишномаи оштии миллии саросарӣ ба анҷом расид.

Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳиди вақт Кофи Аннан бо ин суханон аз он мулоқотҳо натиҷагирӣ карда буд: «Президенти Тоҷикистон намунаи ибрати аз зӯроварӣ даст кашида, ҳал намудани зиддияти дохилимиллиро нишон дод».

Нодида набояд гирифт, ки ин нобасомониҳои Тоҷикистон ҳанӯз ибтидои сар баланд кардани унсурҳои аз лиҳози сиёсӣ носолими минтақа буд, зеро таърихи баъдинаи Осиёи Марказӣ нишон дод, ки ин қувваҳо тоза реша медавонанд. Дар Тоҷикистон ҷилавгирӣ шудани онҳо то андозае таъсири қаламрави онҳоро маҳдуд сохт.

Гаронтарин талафе, ки ҷумҳурӣ дар ин ҷанги бародаркушӣ дод, ҷони қариб 160 ҳазор тоҷикистонӣ буд.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**шореҳи сиёсии «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУҒД/ТОҶИКИСТОН.*
***Суратгир:** муаллиф.*

*Обуна — 2023*

# БО АМРИ ДИЛ

Илму дониш, бешубҳа, ба ҳар фарди ҷамъият зарур аст. Бидуни он, ҳама гуна инсон дар зиндагӣ пешпо хӯрда, ба душвориҳо дучор меояд. Бино бар ин, лозим аст, ки ҳар кадоми мо соҳиби донишу маърифат бошем. Зеро бо ин захира метавонем монеаҳоро рафъ созему баояндаи дурахшону фаровони хеш бирасем. Барилова бояд гуфт, ки гоҳ насли наврас, ҳатто бегонагон оид ба сиёсат, иҷтимоиёт, иқтисодиёт, маданият, навигариҳои кишвар ва ғайра саволҳо медиҳанд. Мо, калонсолон, ӯҳдадорем, ки ба онҳо ҷавобҳои саҳеҳ, дақиқ ва дуруст гардонем. Вагарна шармандa мешавем.

Барои ҳамин ҳам бояд ҳар узви ҷамъият китоб хонад, аз навгониҳои аз тариқи воситаҳои ахбори оммавӣ ва интернет бохабар, ҳамчунин аз ҷиҳати маънавӣ устувор бошад. Дар ин бобат расонаҳои ахбори оммавӣ, бахусус – рӯзномаҳо дастёри хубанд.

Шукри беҳад, ки дар Ӯзбекистони соҳибистиқлол рӯзномаи қариб якасраву муътабар, минбари ягонаю марказии тоҷикӣ — «ОВОЗИ ТОҶИК» нашр мешавад.

Рӯзнома – нашрияи Сенат, Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва Девони Вазирон аст, яъне рӯзномаи бонуфузи ҳукуматист. Вай аз назари ман маҳрами дилу марҳами дарди ҳар хонандаи маънавиётдӯсту миллатпарвар аст.

Аз он ба мутолиакунандааш «сад роҳат асту ҳаргиз озоре нест».

Фоидаҳои рӯзномаро дар назар дошта, бобати обуна ба матбуоти даврӣ ҳаминро гуфтаниам, ки ман, инак беш аз 40 сол ба он обуна мешавам. Касе маро маҷбур намекунад, ихтиёран, бо амри дил обуна мешавам. Обуна барои ман ба ҳукми анъана, одати ҳарсола даромадааст. Аз ин рӯ ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад.

Оре, ҳар кас бояд бо хоҳиши худ ва бо амри дил ба маҷаллаву рӯзномаҳо обуна шавад. Ман ҳама ва ҳар кас, аз ҷумла, омӯзгорон, нафақахӯрон, ҳаммиллатону дӯстдорони забони тоҷикиро даъват мекунам: биёед, як тану як ҷон шуда, ба рӯзномаи ягонаи марказии тоҷикии кишварамон «ОВОЗИ ТОҶИК» барои соли 2023 обуна шавем, зеро он манбаи адонашавандаи озуқаи маънавии ҳамаи мост.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*ВАРЗИШ*

# РАҚСИ БОЛОИ ЯХ ДАР САМАРҚАНД

***Дар таърихи Самарқанд бори нахуст маҳфили омӯзиши рақси болои ях ташкил ёфт. Акнун ҷавонон метавонанд дар маркази ягонаи майдони яхбастаи истироҳатгоҳи Family Park аз устоди варзиш Заррина Ҳоҷимуҳаммадова сиру асрори рақсидани болои яхро омӯзанд.***

– Аллакай чанд нафар духтарчаҳои 3-5-сола омада болои канкӣ истоданро ёд гирифтаанд, – гуфт мураббӣ З.Ҳоҷимуҳаммадова, – замоне ман худам дар Санкт-Петербург бо ин намуди варзиш машғул шуда, соҳиби унвони устодӣ гардида ба Самарқанд баргаштам ва акнун ба насли наврас мураббӣ мебошам. Нияти мо дар арсаи байналхалқӣ баромадан аст. Бояд таъкид намуд, ки дар шаҳри Тошканд низ маҳфили рақси болои ях арзи вуҷуд дорад ва минбаъд мо бо онҳо мусобиқа хоҳем кард.

Воқеан, дар фасли баҳор маҳфили хоккей дар болои ях таъсис ёфтааст, ки насли наврас пайваста машғул мешуданд.

**Баҳодури ЗОҲИР.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

***Гурӯҳе аз рӯзноманигорон хона-музейи илмӣ-маърифатии арбоби барҷастаи ҷамъиятиву давлатӣ, нависандаи маъруф Шароф Рашидовро тамошо карданд.***

# ВАТАНДӮСТУ ВАТАНПАРВАР БУД

Ба муносибати 105-солагии фарзанди арҷманди халқ Шароф Рашидов бахши вилоятии Иттиҳоди эҷодии рӯзноманигорон саёҳати журналистонро ба хона-музей ташкил кард.

Назар ба гуфти директори хона-музей Одил Ҳамроқулов он ба волидайни Шароф Рашидов Рашидбобою Қуйсинмомо тааллуқ дошта, дар маҳаллаи Ҷиззахлики ноҳияи Шароф Рашидов воқеъ аст. Дар хона-музей ашёву ҷиҳозҳои гуногун – сарулибос, китобҳо, дастнависҳо, туҳфаҳое, ки зимни сафар ба 39 мамлакати дунё аз дасти роҳбарони он давлатҳо гирифтааст, ҷой доранд.

Аз хазинаи китобхонаи ӯ зиёда аз чор ҳазор китоб ҷой гирифтааст.

Хона-музей аз панҷ толор иборат аст. Ба фаъолияти рӯзноманигории Шароф Рашидов, ки дар рӯзномаи «Зарафшон»-и Самарқанд корро оғоз карда буд, як бахши музей тааллуқ дорад.

Ҷавонон ба ин ҷо зуд-зуд омада, аз рӯйи мақолаву асарҳои адиб корҳои илмӣ анҷом медиҳанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Хотира – муқаддас*



# ҚИБЛАИ УМЕДВОРОН

## (Ба муносибати 70-солагии Ғафурҷон Маҳмудов)

Дар зиндагӣ инсонҳои маърифатпарвар, дилёбу дарёдил ҳастанд, ки бо кору рафтори нек дар байни мардум эҳтироми хоса пайдо кардаанд. Яке аз чунин инсонҳо шодравон Ғафурҷон Маҳмудов буд, ки шоҳроҳи ҳаёти ӯ барои насли наврас мактаби ибрат аст.

Аксар дар ёд доранд, замоне рӯзномаи «Овози Самарқанд», ки бо талоши равшанфикрони самарқандӣ рӯйи чопро дида буд, дар дами вомонӣ аз фаъолият қарор дошт. Яке аз муаллифони доимӣ ва ҳомии беғарази рӯзнома Ғафурҷон Маҳмудов буд, ки дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд кор мекард. Ӯро ҷонишини ҳокими вилоят Холмуҳаммад Нуриллоев (рӯҳаш шод бод!) наздаш хонд ва:

– Бародари азиз, ман эҷодкор ва ташкилотчии хуб будани шуморо медонам. Маҳз бо ташаббуси шумо нуфузи факултаи филологияи тоҷик афзуд. Акнун барои миллату забони модарӣ боз як хизмат мекунед. Мо бо машварат қарор додем, ки шуморо ба рӯзномаи «Овози Самарқанд» муҳаррир таъин кунем. Пешакӣ мегӯям, ки барои таҳаммулу андеша фурсат нест. Зеро хатари баста шудани минбари тоҷикони Самарқанд ҳаст. Охир, ин нашрия бо талоши зиёди аҳли фарҳанг ба дунё омада буд, – гуфт ва ба гирдоби хаёл афтодани мусоҳибашро пайхас карда, илова намуд:

– Мо тамошобин намешавем. Албатта, кӯмак мекунем. Фақат розигии шумо лозим.

Воқеан, ҳангоми муҳаррир таъин шудани Ғафурҷон рӯзнома ҳамагӣ 300 нусха чоп мешуд. Кадрҳо намерасиданд, шароити кор беҳбудиро тақозо мекард.

Боре ӯ баъди сармуҳаррир таъин шудан ҳавлии мо омад. Ҳолпурсӣ карда, ба мақсад гузашт:

– Ман ҳайрон, садоятон ба гӯш мерасаду аз худатон дарак нест. Ҳатту хабарҳо бо имзои муборaки «Зодаҷон» (вай ба ман навозишомез чунин муроҷиат мекард) чоп мешаванд, лекин шуморо намебинам, – бо завқ гуфт Ғафурҷон ва бо оҳанги амр илова кард:

– Канӣ, сару либосро пӯшед, дафтару қаламро гиред. Шуморо кор дар идораи рӯзнома интизор.

– Ҳазлу шӯхӣ чӣ лозим, – аз таклифи ғайричашмдошт ба ҳайрат афтодам. – Охир хабаратон ҳаст, ки ин ҷониб дар «рӯйхати сиёҳ» қарор дорам. Ана барои ҳамин хонашин. Мақоли «сайди рамида аз дом, ба дона кай шавад ром»-ро нашунидаед? Сонӣ, дил дасторхон нест, ки дар пеши ҳар кас паҳн кунӣ.

– Аз ҳама гапу кор хабардорам, – вай маро самимона ба оғӯш кашид. – Ба гузашта салавот. Қадри зар, заргар бидонад. Ақли солим, забони гӯё ва қалами бурро доред. Ҳар ду дар бораи устод Холиқ Мирзозода матолиби хуб навишта будем. Иншооллоҳ, ҳамкорӣ идома меёбад, мақолаҳои нағзу хонданӣ менависем. Балогардон – худам!

Ҳамин тавр, бо дастгирӣ ва ғамхории Ғафурҷон Маҳмудов дари матбуот боз бароям кушода шуд. Дар идораи рӯзномаи «Овози Самарқанд» ҳамчун мудири шуъбаи маънавият фаъолияти журналистиро идома додам.

Муҳаррири навовар Ғ. Маҳмудов ҳамкорону шогирдонро пайваста баояндаи нек, амалӣ гардидани ниятҳои наҷибаш дилпур ва даъват мекард. Бинобар ин ҳам ҳама як дилу як ҷон шуда, дасти якдигар гирифтанд ва аз пайи сармуҳаррир рафта, барои беҳбуди фаъолияти "Овози Самарқанд" кӯшиш ба харҷ доданд.

Ғафурҷон дар рӯзнома Шӯрои мушовирон ва собиқадоронро ташкил кард. Бо такя ва таҷрибаи фарзандони фарзонаи Самарқанд – Қаҳрамони Ӯзбекистон Мирумар Асадов, академик Ботурхон Валихӯҷаев, адибону шоирони номдор Болта Ортиқов, Салим Кенҷа, Адаш Истад, доктори фанҳои тиб Матлаб Самеъбоев, Бобоқул Рустамов, Аълочии таълими халқ Насимхон Маҳмудов ва дигарон нуфузу шуҳрати «Овоз»-ро афзунтар сохт. Журналисти бебоку ҳақталаб, устод Акбар Усмонов роҳбари шӯро буд ва барои афзудани теъдоди рӯзнома саҳми арзанда мегузошт.

Баъди як-ду сол теъдоди он бамаротиб афзуд.

Бо вуҷуди ин, ҳеҷ кас аз «калон»-ҳо ба масъалаи мустаҳкамсозии пойгоҳи моддиву техникии таҳририят аҳамият намедод. Дар яке аз ҷамъомадҳое, ки ҳокими вилоят садри маҷлис буд, мо бо муҳаррир ширкат доштем, ман бебокона аз ҷоям хестам ва ба минбар баромада, рӯирост муаммоҳои рӯзномаро гуфтам.

Ин рафтору гуфтори камина ба соҳиби мошин ва дигар таҷҳизоти зарурӣ шудани «Овози Самарқанд» такон бахшид.

– Бо ту будан ҳам душвор, бе ту будан ҳам, – гуфт Ғафурҷон. – Маслиҳат кардан лозим буд, Зодаҷон!

– “Оҳанро дар гармиаш кӯб», гуфтаанд, – гуфтам. – Муҳимаш масъала ба хушӣ анҷомид.

Ва ман моҳияти мақоли ӯро вақти баргузории анҷумани матбуотӣ дар Садорати адлияи вилоят шунидам. Муҳаррирон дар минбар менишастанд. Вай хомӯш, хоксорона дар поён нишаста буд. Камина аз ҷоям хестам ва пешниҳод намудам, ки муҳаррири «Овози Самарқанд» низ аз минбар ҷой гирад. Зеро ӯ депутати Шӯрои намояндагони халқи вилоят, номзади фанҳои филологӣ, муаллифи як қатор китобҳои илмию адабӣ аст. Сипас, ӯро ҳам ба садр таклиф карданд.

Сухани муҳаррир ва депутат Ғафурҷон Маҳмудов қадр дошт, амалаш ба қавлаш мувофиқ буд, аз ин рӯ дар байни мардум эҳтиром пайдо карда, бо чанд мукофоти давлатӣ сарфароз гардид. Аз ҳама муҳимаш, барои пешрафти фаъолияти мактабҳои тоҷикӣ, дастрас кардани китобҳои дарсӣ ва илмию услубӣ ба боргоҳҳои таълимӣ саҳм гузошт, худаш чанд китоб навишт. Мутаассифона, бинобар зарбаи сахти беадолатӣ беихтиёр «меҳмон»-и бемористон шуд. Рӯзе ба аёдаташ рафтем. Ҳамсари меҳрубону фарзандони ғамхор дар атрофаш парвона буданд. Аз омадани мо хурсанд шуд. Тасаллӣ дода, дуо кардем, ки зуд сиҳҳат ёбаду ба кор баргардад. Сад дареғ, ки баъди ду рӯзи ин аёдат дили пурмеҳри дӯстам аз тапидан бозмонд. Гарчанд аз байн беш аз даҳ сол сипарӣ гашт, ҳар сол дар рӯзи мавлудаш – 17-уми ноябр – ба хонаводааш меравам ва бо писаронаш Азизҷону Акбарҷон ӯро ёд, китоби хотираҳоро варақгардон мекунем.

*Рафтию талоши рӯҳу ҷонат боқист,*
*Ёди ту чу нури хонадонат боқист.*

Хуб мебуд, агар ягон кӯча дар маркази ноҳия ё зодгоҳаш – деҳаи Талибарзу бо исму насаби ин марди фарҳангдӯсту бедордил номгузорӣ мешуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1125. Адади нашр 4774 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.